Овози тоҷик

Банӣ одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

4 ноябри соли 2026 Чоршанбе № 88 (15307)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

БУХОРО ДАР ҲАМОҲАНГӢ БО НЕРӮИ ТАЪРИХӢ ВА ИСЛОҲОТИ БОСУРЪАТ РУШД МЕКУНАД

Президент Шавкат Мирзиёев 3 ноябр ба вилояти Бухоро ташриф оварда. Саркори давлат бо корҳое, ки дар самти ҳифзи мероси таърихӣ ва рушди инфрасохтори сайёҳӣ амалӣ мегарданд, инчунин лоиҳаҳое, ки дар соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ татбиқ мешаванд, шинос шуд.



Сафар аз зиёрати мақбараи Баҳоуддин Нақшбанд, воқеъ дар ноҳияи Когон оғоз гардид. Дар ин ҷо тиловати Қуръон намуда, барои сулҳу осоиш ва накӯаҳволии мардум дуо карда шуд.

Хоҷа Муҳаммад Баҳоуддин Нақшбанд мутафаккири бузургест, ки дар асри XIV зиндагӣ кардааст ва асосгузори тариқати нақшбандияи тасаввуф мебошад. Маҷмааи меъморие, ки дар атрофи мақбараи ӯ тайи асрҳо ташаккул ёфтааст, имрӯз низ яке аз зиёратгоҳҳои муътабари ҷаҳони ислом ба ҳисоб меравад.

Маҷмааи меъмории Баҳоуддин Нақшбанд, ки ҳамарӯза қариб 15 ҳазор нафар зиёрат мекунанд, дар таркиби долони «Роҳи абрешим: Зарафшон – Қароқум» ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудааст.

Солҳои охир ҷиҳати ҳифзи симои таърихии маҷмаа ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиёраткунандагон корҳои шоиста анҷом ёфтанд. Мадрасаи «Дониёлбий оталиқ» ва дарвозаи «Тоқи миёна» дар асоси нақшаҳои меъмории асри XV таъмир гардида, экспозитсияи осорхона ва маркази илмиву таҳқиқотӣ ташкил гардиданд.

Президент таъкид кард, ки Бухоро тӯли асрҳо дар рушди исломи маърифатпарвар нақши муҳим дошт. Ба таври амиқ омӯхтани ин мероси ғании маънавӣ, истифодаи босамари он дар тарбияи насли наврас ва ҳидоят намудани онҳо ба илму маърифат муҳим арзёбӣ гардид.

– Маркази тамаддуни исломӣ, маҷмааҳое, ки бо номи ниёи мо Имом Бухорӣ ва Имом Мотуридӣ пайванд доранд, ин ҳама ба як мақсад – идомаи мероси илмии ниёгони бузургамон ва тарбияи ҷавонон дар ҳамин рӯҳия хидмат мекунанд, – гуфт Сарвари давлат.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев аз раванди сохтмони маҷмааи Конгресс-холл ва меҳмонхонаҳои замонавӣ дар шаҳри Бухоро боздид ба амал оварда.

Солҳои охир шумораи ташрифи сайёҳони хориҷӣ ба Ӯзбекистон пайваста меафзояд. Соли 2025 ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2016 қариб шаш баробар, содироти хидматрасониҳои сайёҳӣ бошад, ёздаҳ баробар зиёд шудааст. Ҳамзамон, дар мамлакат талабот ба инфрасохтори замонавӣ барои гузаронидани чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ низ меафзояд.

Маҷмаа имкони баргузории чунин чорабиниҳоро дар шаҳр боз ҳам васеъ мекунад. Конгресс-холл барои баргузории форумҳо, мулоқотҳои сатҳи олӣ ва дигар ҳамоишҳои бузург пешбинӣ шудааст.

Дар доираи лоиҳа, ки 60 миллион доллар арзиш дорад, бинои дорои масоҳати 14,5 ҳазор метри мураббаъ бунёд мешавад. Ҳоло корҳои асосии бетонрезӣ анҷом ёфта, кашидани шабакаҳои берунии муҳандисӣ, сохтмони намо ва боми бино идома дорад.

Дар ҳамин майдон меҳмонхонаи «Hilton Garden Inn» бо арзиши 37 миллион доллар низ қомат меафрозад. Дар меҳмонхонаи ҳафтошёнаи дорои 212 ҳуҷра бунёди таваққуфгоҳи зеризаминии автомобилҳо низ пешбинӣ шудааст. Сохтмони конструксияҳои асосии бино анҷом ёфта, ҳоло корҳои сохтмони деворҳои дохилӣ, шабакаҳои муҳандисӣ ва намуд идома доранд.

Боз як лоиҳа – сохтмони меҳмонхонаи «Holiday Inn» бо арзиши 39,6 миллион доллар мебошад. Ин иншоот низ ҳафтошёна буда, аз 212 ҳуҷра иборат хоҳад буд ва дар паҳлуи он маркази тиҷоратии дуошёна низ бунёд мегардад. Дар меҳмонхона корҳои васли бом ва сохтмони деворҳои дохилӣ, дар таҳхонаи маркази тиҷоратӣ бошад, марҳалаи ниҳоии бетонрезӣ идома дорад.

Саркори давлат бо рафти корҳо дар иншоот шинос шуда, таъкид кард, ки онҳо барои дар сатҳи баланд баргузор намудани чорабиниҳои байналмилалӣ, васеъ кардани доираи хидматрасониҳои сайёҳӣ дар Бухоро аҳамияти калон дошта, ин иқдом ба афзоиши даромади аҳолӣ ва рушди минбаъдаи иқтисодиёти минтақа мусоидат хоҳад кард.

Аз рӯйи дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо риояи қатъии талаботи сифат ба анҷом расонидани корҳои сохтмон супоришҳо дода шуданд.

Сипас, Президент Шавкат Мирзиёев ба ансамбли Кӯшмадрасаи шаҳри Бухоро ташриф оварда.

Мадрасаи Абдуллохон яке аз намунаҳои нодири меъмории ӯзбек дар асри XVI мебошад, ки солҳои 1588–1590 аз тарафи ҳукмдори хонигарии Бухоро аз сулолаи Шайбониён, саркардаи бузург ва арбоби давлатӣ Абдуллохони II сохта шудааст.

Тарҳ ва намуди дохилии мадраса бо сохтори мураккаби муҳандисӣ аз мадрасаҳои анъанавии Бухоро фарқ мекунад. Даромадгоҳи асосии маҷмаа ба самти ҷануб буда, бо кошинҳои кабуд ва нақшу нигори сирдор, ки дар шакли нақшҳои геометрӣ чида шудаанд, оро ёфтааст.

Дар асри XVI мадраса яке аз бузургтарин ва бонуфузтарин марказҳои таълими олӣ ва илму фанни Мовароуннаҳр буд. Дар ин ҷо ба толибилмон фанҳои динӣ ва дунявиро меомӯхтанд. Бахусус, дар мадраса дар баробари Қуръон, тафсир, ҳадис, фиқҳ ва ақоид, забон ва адабиёти араб, мантиқ, фалсафа, математика, геометрия ва тиб низ ба таври амиқ таълим дода мешуд.

Дар қисми ҷанубии ансамбл мадрасаи Модарихон ҷойгир аст, ки онро Абдуллохони II солҳои 1566-1567 ба шарафи модари худ бунёд намудааст. Мадрасаҳо рӯ ба рӯи ҳам, дар як меҳвари меъморӣ қомат афрохтаанд.

Ансамбли Қӯшмадраса солҳои 2023–2024 дар доираи лоиҳаи арзишаш 6 миллиард сӯмина қисман барқарор карда шуд. Алҳол ҳамасола як миллион сайёҳ аз ин маҷмаа дидан мекунанд.

Ба Сарвари давлат нақшаи корҳои барқарорсозии ансамбли Қӯшмадраса муаррифӣ гардид.

Президент аз рӯйи фароҳам овардани шароити боз ҳам мусоид барои сайёҳон дастурҳо дод.

Баъд роҳбари давлат аз раванди бунёдкориҳо дар маркази нави сайёҳӣ, ки дар шаҳри Бухоро сохта мешавад, дидан кард.

Ёдгориҳои таърихӣ, анъанаҳои ҳунармандӣ ва гастрономии Бухорои бостонӣ таваҷҷуҳи сайёҳони зиёдро ба худ ҷалб мекунанд. Дар маркази нав ҳамоҳанг намудани ин мероси ғанӣ бо хизматрасониҳои замонавӣ, инчунин, дар шаҳр фароҳам овардани шароити мусоид барои баргузории чорабиниҳои бузурги байналмилалии фарҳангӣ ва соҳибкорӣ дар назар аст.

Президенти мамлакат моҳи январи соли ҷорӣ зимни баррасии нақшаи генералии шаҳри Бухоро зарурати татбиқсозии лоиҳаҳои фарҳангӣ дар ҳамбастагӣ бо рушди сайёҳӣ, таъмини устувории иқтисодӣ ва идоракунии босифати онҳоро таъкид карда буд. Ин марказ низ барои дар як минтақа ҷамъ овардани хизматрасониҳои гуногун барои меҳмонон нигаронида шудааст.

Маҷмаа дар масоҳати 50 гектар бунёд мешавад. Барои лоиҳа равона кардани ҷамъ 105 миллион доллар сармоя ба нақша гирифта шудааст.

Мувофиқи лоиҳа, дар ин ҳудуд хонаи қабули меҳмонон, толори намоишгоҳ, осорхона, ду меҳмонхонаи замонавӣ, 80 меҳмонхонаи оилавӣ, амфитеатр бо 2 ҳазор ҷойи нишаст ва беш аз 70 нуқтаи савдо ва хидматрасонӣ сохта мешаванд. Инчунин, сайргоҳҳо, марказҳои ҳунармандӣ ва кӯли сунъӣ ташкил мегардад. Дар тарҳи иншоот ҳамоҳангсозии анъанаҳои хоси меъмории Бухоро бо роҳҳалҳои замонавӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳоло дар 10 гектар майдони марказ корҳои сохтмони шабакаҳои муҳандисиву коммуникатсионӣ идома доранд. Барои ин раванд қариб 50 техникаи махсус ҷалб шудааст.

Баъди пурра ба кор шурӯъ кардани маҷмаа, таъсис ёфтани 2 ҳазор ҷойи корӣ, ҷалби беш аз 2 миллион сайёҳи иловагӣ ба Бухоро дар назар аст. Тибқи ҳисобҳо, воридоти солона ба буҷети маҳаллӣ метавонад 288 миллиард сӯмро ташкил диҳад.

Президенти мамлакат таъкид кард, ки аҳамияти лоиҳа набояд танҳо бо биноҳои бунёдшаванда маҳдуд шавад, балки барои фароҳам овардани муҳити муносибе ба шуҳрати Бухоро, ки тӯли асрҳо маркази илму маърифат, савдо ва ҳунармандӣ будааст, инчунин, боз ҳам васеътар муаррифӣ кардани мероси ғании он ба ҷаҳониён бояд хидмат намояд. Меҳмоне, ки ба марказ меояд, бояд рӯҳи таърихии ин шаҳри шарифро эҳсос карда, рушди имрӯзаи онро бубинад, бухороиён бошанд, аз рушди сайёҳӣ соҳиби ҷойи кор ва даромад гарданд. Президент вазифа гузошт, ки лоиҳа маҳз бо назардошти ин мақсадҳо амалӣ карда шавад.

Президент Шавкат Мирзиёев зимни ташриф ба вилояти Бухоро бо муаррифии лоиҳаҳое, ки ширкати «ROX Group»-и Ветнам мехоҳад дар кишвари мо амалӣ намояд, шинос шуд.

Намояндагони ширкат дар бораи чор лоиҳаи шаҳрсозӣ: ду лоиҳа дар Бухоро, яктоӣ дар ноҳияи Учтеппаи шаҳри Тошканд ва шаҳри Самарқанд маълумот пешниҳод карданд. Масоҳати умумии онҳо 285 гектар, ҳаҷми сармоягузорӣ 4,5 миллиард долларро ташкил медиҳад. Лоиҳаҳо барои 115 ҳазор нафар аҳолӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар масоҳати 65 гектари ноҳияи Бухоро ва дар ҳудуди 25 гектари шаҳри Бухоро сохтмони мавзеъҳои нави истиқоматӣ оғоз гардидааст. Дар онҳо бунёди биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ барои 30 ҳазор нафар, меҳмонхонаҳо, марказҳои тиҷоратӣ, иншооти савдо, хидматрасонӣ ва фароғатӣ пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи ноҳияи Учтеппа ба ташкили муҳити муосири шаҳрӣ, ташаббуси Самарқанд бошад, ба васеъ кардани инфрасохтори атрофи маҷмаи мавҷудаи сайёҳӣ нигаронида шудааст. Сармоягузори ветнамӣ ташаббуси таъсиси минтақаи саноатиро дар ноҳияи Зомини вилояти Ҷиззах низ пешбарӣ кард.

Роҳбари давлати мо консепсияҳои пешниҳодшударо тасдиқ ва зарурати истифодаи роҳҳалҳои пешрафтаи шаҳрсозиро дар лоиҳаҳо таъкид намуд. Ба масъулон дастур дода шуд, ки якҷо бо ширкат инфрасохтори зарурӣ ва механизмҳои амалисозии лоиҳаҳоро ҳамаҷониба ва дақиқ таҳия кунанд.

Президент Шавкат Мирзиёев дар доираи сафар ба вилояти Бухоро дар маросими ба истифода супоридани иншооти нав ва оғози сохтмони лоиҳаҳои ояндадор иштирок намуд.

Бухоро асрҳо инҷониб маркази илму фан, фарҳанг ва ҳунармандӣ мебошад. Имрӯз анъанаҳои созандагӣ, ки аз ниёгон мерос мондааст, дар рушди истеҳсолоти муосир, соҳибкорӣ ва сайёҳӣ идома меёбанд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

ДАР АНҚАРА КИТОБИ «ДОКТРИНАИ МИРЗИЁЕВ: ДИПЛОМАТИЯИ ИМКОНИЯТҲО ДАР ДАВРОНИ НОУСТУВОРИИ ҶАҲОНӢ» МУАРРИФӢ ГАРДИД

Дар пойтахти Туркия муаррифии нашри туркии китоби «Доктринаи Мирзиёев: дипломатияи имкониятҳо дар даврони ноустувории ҷаҳонӣ» баргузор шуд, ки ба модели рушди Ӯзбекистони Нав ва стратегияи сиёсати хориҷии кишвар бахшида шудааст.

Муаррифии китоб бо ташаббуси Раёсати коммуникатсияи Дастгоҳи Президенти Туркия, Агентии ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ (ТЭКА) ва Сафорати Ӯзбекистон ташкил гардид. Чорабинӣ як рӯз пас аз музокироти сатҳи олии президентҳои Ӯзбекистон ва Туркия баргузор шуд. Дар он олимон, сиёсатшиносон ва коршиносони маъруф, намояндагони расмӣ, корпуси дипломатӣ ва доираҳои ҷамъиятӣ иштирок карданд.

Ҳаммуаллифи китоб, мушовири вазири корҳои хориҷӣ Шуҳратҷон Йигиталиев бо маърӯзаи интерактивӣ ба забони туркӣ баромад кард. Ӯ ғояҳои асосӣ, равишҳои консептуалӣ ва аҳамияти илмию амалии асарро шарҳ дода, ба саволҳои иштирокдорон посух гуфт.

Зимни муаррифӣ таъкид гардид, ки ислоҳот дар Ӯзбекистони Нав, навсозии низоми идоракунии давлатӣ, сиёсати боз будани иқтисод ва фаъол гардидани сиёсати хориҷии кишвар таваҷҷуҳи зиёди коршиносони байналмилалиро ба худ ҷалб менамоянд. Ҳамзамон, тавре ки маърӯзакунандагон қайд карданд, то имрӯз таҳқиқоти бунёдие, ки ин равандҳоро дар асоси равиши ягонаи сиёсиву фалсафӣ ба низом дароварда, мантиқи дохилӣ, робитаи мутақобила ва моҳияти стратегии онҳоро ошкор намоянд, ба қадри кофӣ вуҷуд надоштанд. Китоби «Доктринаи Мирзиёев: дипломатияи имкониятҳо дар даврони ноустувории ҷаҳонӣ» яке аз аввалин асарҳои бунёдӣ номида шуд, ки барои пур кардани ин холигӣ нигаронида шудааст.

Иштирокдорон арзиши асосии китобро дар он донистанд, ки он имкон медиҳад ба даҳсолаи охир аз дидгоҳи нав назар андохта, пояҳои ғоявӣ ва дурнамои дарозмуддати тағйирот, инчунин фалсафаи модели рушди таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев ташаккулёфта амиқтар дарк карда шаванд.

Дар асар ислоҳот на ҳамчун маҷмӯи қарорҳои алоҳида, балки ҳамчун раванди мукаммале баррасӣ мешаванд, ки ба тафаккури стратегӣ ва фалсафаи идоракунии давлатӣ такя мекунад. Аз ҷумла, чунин принсипҳо, ба монанди афзалияти манфиатҳои инсон, ошкорбаёнӣ ва прагматизм, таҳкими ҳамкориҳои минтақавӣ, эътимоди мутақобила ва шарикии судманд барои ҳар ду ҷониб, мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Дар китоб ба сиёсати хориҷии кишвар низ таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир шудааст. Самти ошкоро, мутавозин ва прагматикии сиёсати хориҷии Ӯзбекистон ҳамчун омили таҳкими нуфузи байналмилалӣ ва пешбурди манфиатҳои миллӣ баррасӣ мегардад. Дар ин замина, ташаккули фазои неки ҳамсоягӣ дар Осиёи Марказӣ, рушди муколамаи минтақавӣ, густариши робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва таҳкими пайвастагиҳои нақлиётиву коммуникатсионӣ аз ҷумлаи самтҳои афзалиятнок номбар шудаанд.

Тавре иштирокдорон таъкид карданд, китоб на танҳо барои муҳаққиқони роҳи рушди Ӯзбекистон, балки барои мутахассисони соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ, дипломатия, геополитика ва ҳамгироии минтақавӣ низ муфид хоҳад буд. Иштирокдорони турк ба равишҳои дар асар пешниҳодшуда таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда, муҳим будани дарки равандҳои дар Ӯзбекистон ҷараёндоштаро барои арзёбии дурнамои ҳамкорӣ дар тамоми ҷаҳони турк таъкид карданд.

АИ «Дунё»,
шаҳри Анқара.

ЧОРВОПАРВАРӢ – МАНБАИ ДАРОМАД

Корҳое, ки дар ноҳияи Чортоқ барои афзоиши даромади аҳолӣ ва васеъ кардани имкониятҳои иқтисодии хонаводаҳо анҷом дода мешаванд, натиҷаҳои амалӣ медиҳанд.

Ба сокини маҳаллаи Қарабоғ Мадина Устобоева якуним сол пеш 10 миллион сӯм қарзи имтиёзнок ҷудо карда дода шуд ва ӯ бо мақсади истифодаи самараноки ин пул бо чорводорӣ машғул шуд. Аввал чор гӯсфанд харид ва парвариши онҳоро дар хоҷагии худ оғоз кард. Бо ба даст овардани даромади ибтидоӣ дар натиҷаи панҷ моҳи кор маблағҳоро дар тиҷорати худ дубора сармоягузорӣ кард. Боз 6 сар гӯсфанд хариду шумораи онҳоро зиёд намуд. Ӯ мустақилона чорво парвариш мекунад ва бо меҳнати худ ба оилааш даромади иловагӣ меорад.

– Аз ҳар як гӯсфанд 2,5-3 миллион сӯм даромади соф гирифтан мумкин будааст, – мегӯяд Мадина. – Барои ин бояд ба қоидаҳои парвариш риоя кард.

Истифодаи мақсадноки қарзи имтиёзнок барои Мадина на танҳо манбаи даромад, балки барои амалӣ кардани нақшаҳои ояндааш заминаи мустаҳкам гардид.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик» дар вилояти Намангон.

БУХОРО ДАР ҲАМОҲАНГӢ БО НЕРЎИ ТАЪРИХӢ ВА ИСЛОҲОТИ БОСУРЪАТ РУШД МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Сарвари давлат таъкид кард, ки дар нӯҳ соли охир ба вилоят 9,5 миллиард доллар сармояи хориҷӣ ҷалб гардида, беш аз 6 ҳазор иқтидори нави истеҳсолӣ ва 120 ҳазор ҷойи кори доимӣ таъсис дода шудааст. Ин натиҷаҳо дар афзоиши шуғл ва даромади аҳолӣ, инчунин ба бозорҳои нав баромадани корхонаҳои маҳаллӣ таҷассум меёбанд.

– Бухорои имрӯза аз таърихи бузурги худ бо суръат ба давраи нави рушд ва лоиҳаҳои азим рӯ меорад, – гуфт Президенти мамлакат.

Дар бахшҳои нафту кимиё, нассоҷӣ, масолеҳи сохтмон, мошинсозӣ, энергетика, саноати кӯҳкорӣ, дорусозӣ, технологияи рақамӣ, логистика, кишоварзӣ, саноати хӯрокворӣ, сохтмони манзил, инфрасохтор, хидматрасонӣ ва сайёҳӣ барномаи иборат аз 145 лоиҳа бо арзиши умумии 7,8 миллиард доллар таҳия шудааст. Аз ин шумора 55 лоиҳа ба маблағи 654 миллион доллар ба истифода дода шуда, сохтмони боз 90 лоиҳаи дигар бо арзиши 7,1 миллиард доллар оғоз мегардад.

Дар татбиқсозии лоиҳаҳо сармоягузорони ИМА, Канада, Олмон, Ҷопон, Кореяи Ҷанубӣ, Сингапур, Чин, Ветнам, Туркия, Амороти Муттаҳидаи Араб, Арабистони Саудӣ, Русия ва Ҳиндустон, Бонки рушди Осиё, Бонки сармоягузориҳои инфрасохтории Осиё, инчунин соҳибкорони маҳаллӣ иштирок мекунанд.

Дар натиҷаи татбиқсозии онҳо таъсиси беш аз 14 ҳазор ҷойи корӣ, фароҳам овардани имконият барои ҳамасола истеҳсоли маҳсулот ба маблағи 22 триллион сӯм ва содирот ба маблағи 510 миллион доллар дар назар аст.

– Як мақсад дорем: истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот, ки дар бозорҳои хориҷӣ талабот зиёд аст, – гуфт Сарвари давлат.

Дар соҳаи энергетикаи вилоят низ иқтидорҳои бузург бунёд мешаванд. Солҳои охир ба соҳаи энергетикаи «сабз» 2 миллиард доллар ҷалб гардида, неругоҳҳои барқи бодӣ бо иқтидори 1 ҳазор мегаватт, неругоҳҳои офтобӣ бо иқтидори 750 мегаватт, инчунин низомҳои захираи энергия бо иқтидори 63 мегаватт ба кор шурӯъ карданд. Ҳамчунин, 601 километр шабакаи магистралии неруи барқ кашида шуд.

Дар Ғиждувон бо ширкати «ACWA» сохтмони неругоҳи барқи бодии «Бош-2» бо иқтидори 300 мегаватт, дар Ҷондор бо иштироки ширкати «Toyota Corpo-ration» ва дар Пешкӯ бо ширкати «Sinoma» сохтмони неругоҳҳои барқи бодӣ бо иқтидори умумии 1 ҳазор мегаватт идома дорад. Ҳамчунин, бо шарикони чинӣ дар ноҳияи Когон татбиқсозии лоиҳаи истеҳсоли неруи барқ аз партовҳои маишӣ ба маблағи 165 миллион доллар ва бо ширкати «Leman»-и Олмон роҳандозии лоиҳаи 150 миллион долларӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти устувори пойгоҳҳои обкашии канали «Ому-Бухоро» ба нақша гирифта шудааст.

Бо такя ба таҷрибаи вилоят дар соҳаи пахтакорӣ кластерҳои муосири нассоҷӣ рушд меёбанд. Дар шаҳри Бухоро маҷмааи нассоҷӣ бо брендҳои «Kurt Baver» сохта мешавад, ки соле 62 ҳазор тонна маҳсулот истеҳсол хоҳад кард. Дар Ромитан бо иштироки сармоягузорони чинӣ кластери пахтатозакунӣ ва нассоҷӣ бо арзиши 400 миллион доллар таъсис дода мешавад. Дар доираи ин лоиҳаҳо ташаббуси ахзуд кардани 9 ҳазор гектар замин низ пешниҳод шудааст. Дар натиҷа, ба 65 дарсад расонидани ҳиссаи маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд ва фароҳам овардани имконияти содирот ба маблағи иловагии 100 миллион доллар дар назар аст.

Сайёҳӣ яке аз самтҳои муҳими рушди Бухоро ба шумор меравад.

– Ҳамоҳангии ёдгориҳои қадима, мероси фарҳангӣ ва инфрасохтори замонавӣ Бухороро ба макони дӯстдоштаи сайёҳон табдил медиҳад. Маркази сайёҳии Бухоро, ки чорабинии имрӯзаи мо мегузарад ва нав сохта мешавад, ба ҳамин мақсади нек хизмат мекунад, – гуфт Сарвари давлат.

Дар марказ боғи фарҳангиву этнографии «Бухорои абадӣ», толори намоишгоҳ, меҳмонхонаҳои замонавӣ, маконҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ сохта мешаванд. Инчунин, дар шаҳри Бухоро таъсиси меҳмонхонаҳо таҳти брендҳои байналмилалии «Indigo», «Holiday Inn» ва «Hilton» ба нақша гирифта шудааст.

– Умуман, дар Бухоро татбиқи 19 лоиҳаи бузургро ба маблағи 3 миллиард доллар оғоз мекунем. Агар ин корҳоро бонизом ташкил намоем, танҳо дар Бухоро содироти хизматрасониҳои сайёҳиро ба маблағи 5 миллиард доллар таъмин хоҳем кард, – гуфт Президент.

Дар панҷ соли оянда бо оби нӯшиданӣ пурра таъмин намудани аҳолии вилояти Бухоро ва бо шабакаҳои корез фаро гирифтани шаҳрҳои калону марказҳои ноҳияҳо чун ҳадаф муайян гардидааст. Бо ҳамкорони байналмилалӣ ду лоиҳаи бузург бо арзиши умумии 633 миллион доллар оғоз шудааст. Дар натиҷаи татбиқсозии онҳо таъминоти оби 2 миллион нафар беҳтар гардида, 781 ҳазор нафар бори аввал бо оби нӯшиданӣ таъмин мешаванд.

Инчунин, ҳафт лоиҳаи роҳсозӣ бо арзиши 565 миллион доллар амалӣ мегардад, ки ба се баробар зиёд кардани иқтидори транзитии вилоят нигаронида шудаанд.

Президенти мамлакат бо пахши тугмаи рамзӣ иншооти навро ба истифода дода, ба сохтмони лоиҳаҳои ояндадор оғоз бахшид. Ҳамчунин, бо сармоягузорони хориҷӣ мулоқот кард.

Президент Шавкат Мирзиёев бахшида ба масъалаҳои омодагӣ ба чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ, ки дар шаҳри Бухоро ба нақша гирифта шудаанд, ҷамъомад гузаронд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки чорабиниҳои минбаъда дар баробари муаррифии мероси ғании таърихӣ ва иқтидори кунунии Бухоро, бояд барои рушди вилоят низ хидмат намоянд. Барои ин корҳои омодагӣ танҳо бо маконҳои баргузории чорабиниҳо маҳдуд нашуда, рушди маҷмӯии инфрасохтори нақлиёт, хидматрасонӣ, амният ва шаҳр зарур мебошад.

Дар ҷамъомад масъалаҳои дар сатҳи баланд ташкил намудани мулоқотҳои сатҳи олӣ ва чорабиниҳои бузурги байналмилалӣ баррасӣ гардиданд. Ба ҳар як вазорату идора супориш шуд, ки бо ҳамкорони хориҷӣ аз рӯйи самти фаъолияти худ барои баргузории музокироти судманд омодагӣ бинанд, натиҷаҳои амалии ислоҳотро дар мамлакат муаррифӣ кунанд ва ташаббусҳои нави муштаракро таҳия намоянд.

Ба масъалаи таъмини амнияти ҷамъиятӣ диққати махсус дода шуд. Нақшаҳои роҳандозии фаъолияти марказҳои муосири идоракунии вазъият дар Бухоро, назорати вазъи ҷойҳои ҷамъиятӣ ва иншооти сайёҳӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, танзими ҳаракати нақлиёт ва мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ баррасӣ шуданд. Зарурати тақвияти ҳамкории низорати профилактика ва «ҳафтгона»-и маҳалла дар самти пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар маҳаллаҳо таъкид гардид.

Президент таъкид кард, ки меҳмоне, ки ба Бухоро меояд, пеш аз ҳама ба вазъи фурудгоҳ, вокзал ва роҳҳо эътибор медиҳад. Аз ин рӯ, масъалаҳои сохтмони фурудгоҳи нави байналмилалӣ бо арзиши 300 миллион доллар, бунёди роҳи пайвасткунандаи он бо шаҳр ба масофаи 23,5 километр ва кабудизоркунии канори роҳ баррасӣ шуданд. Бобати обод кардани атрофи истгоҳҳои роҳи оҳан, таваққуфгоҳҳо, беҳтар кардани равшанидиҳӣ, хидматрасонӣ ва ҳаракати нақлиёти ҷамъиятӣ супоришҳо дода шуданд. Барои пайваст намудани шаҳру ноҳияҳо бо истгоҳҳои роҳи оҳан ҷалби 120 автобуси иловагӣ муайян гардид.

Ба масъалаи васеъ кардани минтақаҳои сабз бо назардошти шароити иқлимии Бухоро, шинонидани дарахту буттаҳо ва ҳамзамон ташкили низомҳои обёриву захбурӣ барои нигоҳубини онҳо низ диққати махсус дода шуд.

Таъкид гардид, ки аз чорабиниҳои байналмилалӣ бояд барои густариши сармоягузорӣ ва ҳамкориҳои иқтисодӣ низ самаранок истифода бурд. Пешниҳодҳо ҷиҳати ноил шудан ба созишҳои амалӣ бо шарикони хориҷӣ дар соҳаҳои ҳамкории саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд, нақлиёту логистика ва содирот баррасӣ шуданд. Инчунин, лоиҳаҳои энергетикаи барқароршаванда ва рушди инфрасохтори интиқолу захираи неруи барқ дар вилоят мавриди муҳокима қарор гирифтанд.

Дар баробари муаррифии бештари мероси таърихию фарҳангӣ ва имкониятҳои сайёҳии Бухоро, бевосита бо фаъолияти корхонаҳои муосир, кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва соҳаи хидматрасонии минтақа шинос кардани меҳмонон муҳим арзёбӣ гардид. Вазифа гузошта шуд, ки натиҷаҳои корҳо дар самтҳои таъмини шуғли аҳолӣ, баланд бардоштани даромади мардум, ҳифзи тандурустӣ ва тағйирот дар соҳаи фарҳанг низ дар амал нишон дода шаванд.

Сарвари давлат таъкид кард, ки ҳар як иншооти дар раванди омодагӣ бунёдшаванда ва ҳар як низоме, ки ҷорӣ мегардад, бояд баъд аз анҷоми чорабиниҳо низ ба бухороиён хизмат кунад. Ба масъулон супориш дода шуд, ки ба маҳалҳо рафта, рафти корҳоро шахсан омӯзанд, мушкилотро дар ҷойи худ ҳал намоянд ва иҷрои ҳамаи вазифаҳоро ба таври қатъӣ ҳамоҳанг созанд.

Президент Шавкат Мирзиёев аз корхонаи «Tekhnochem»-и ноҳияи Бухоро боздид намуда, бо фаъолияти кластери нафту кимиё ва нақшаҳои ояндаи он шинос шуд.

Коркарди амиқи захираҳои табиӣ ва истеҳсоли маҳсулоти дорои арзиши иловашудаи баланд яке аз самтҳои муҳими сиёсати саноатии мамлакат ба шумор меравад. Кластери ноҳияи Бухоро ба коркарди нафт ва конденсати газ, нафта, метанол ва дистилляти пиролизӣ ихтисосонида шудааст. Ин маҷмаа аз рӯйи самти фаъолият дар ҷумҳурӣ ягона мебошад.

Корхона 69 гектар майдон дорад. Дар ин ҷо қариб 500 нафар фаъолият мекунанд. Иқтидори коркарди маҷмаа соле 100 ҳазор тонна дистилляти пиролизӣ ва ҳамчунин 160 ҳазор тонна нафтаву конденсати газро ташкил медиҳад. Ин дар баробари сӯзишворӣ, барои истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ барои саноати кимиё низ имкон медиҳад. Аз ҷумла, октанбустер барои баланд бардоштани сифати бензин ва ҳалкунандаҳо баҳри истеҳсоли ранг, лак, ширеш ва маҳсулоти кимиёи маишӣ истифода мешаванд.

Ба Президенти мамлакат дар бораи марҳалаи навбатии тавсеаи кластер маълумот пешниҳод гардид.

То анҷоми соли 2028 татбиқсозии лоиҳаи сармоягузорӣ ба маблағи 292 миллион доллар ба нақша гирифта шудааст. Он коркарди конденсати газ ва нафта, инчунин роҳандозии истеҳсоли карбогидридҳои хушбӯй ва ҳалкунандаҳоро дар бар мегирад. Дар натиҷа, то 400 ҳазор тонна афзудани иқтидори солонаи коркарди ашёи хом ва таъсиси 700 ҷойи нави корӣ пешбинӣ мешавад.

Бо ба кор даромадани иқтидорҳои нав, ниёз ба технологҳо, муҳандисон, кимиёшиносон ва мутахассисони озмоишгоҳҳо низ меафзояд. Сарвари давлат дар робита ба ин, ба зарурати таҳкими ҳамкории байни низоми таҳсилоти касбӣ ва истеҳсолот дар минтақа таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Корхона ният дорад ҳамасола наздики 180 ҳазор тонна маҳсулоти нафту кимиё, бензини автомобилӣ ва сӯзишвории дизелиро ба Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Афғонистон ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо содир намояд. Инчунин, бо шарикони хориҷӣ ҷиҳати татбиқсозии лоиҳаи коркарди 150 ҳазор тонна гази моеъ дар солҳои 2028–2030 музокирот идома дорад.

Президенти мамлакат оид ба баланд бардоштани иқтидори содиротии кластер ва омодасозии кадрҳои соҳибихтисос барои иқтидорҳои нав таваҷҷуҳ дод.

Президент Шавкат Мирзиёев ба заводи коркарди нафти Бухоро, воқеъ дар ноҳияи Қаровулбозор ташриф оварда, бо лоиҳаи навсозии корхона шинос шуд.

Завод яке аз корхонаҳои бузурги истеҳсолкунандаи маҳсулоти сӯзишвории мамлакат мебошад. Дар ин ҷо беш аз 3 ҳазору 200 нафар мутахассис фаъолият доранд. Дар нӯҳ моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 12,1 триллион сӯм 1 миллиону 360 ҳазор тонна маҳсулоти нафт истеҳсол карда шуд. Ҳаҷми содироти маҳсулот ва хидматрасонӣ 99,5 миллион долларро ташкил дод. То анҷоми сол ба 116 миллион доллар расонидани ин нишондиҳанда пешбинӣ шудааст.

Лоиҳаи навсозӣ, ки ба саркори давлат муаррифӣ гардид, дар баробари зиёд кардани ҳаҷми коркарди ашёи хом, ба васеъ намудани имкониятҳои истеҳсоли бензини дорои октани баланд нигаронида шудааст. Арзиши умумии лоиҳа 328 миллион долларро ташкил медиҳад.

Дар доираи он насби таҷҳизоти гидротозакунии нафта ва изомеризатсия пешбинӣ шудааст. Дар раванди гидротозакунӣ миқдори сулфур ва дигар омехтаҳои таркиби ашёи хом кам карда мешавад. Изомеризатсия бошад, барои баланд бардоштани октани бензин, ки аз фраксияҳои сабук ҳосил мешаванд, имкон медиҳад. Ин равандҳо барои зиёд кардани истеҳсоли бензини тамғаҳои АИ-92 ва АИ-95, ки ба талаботи стандарти Евро-5 ҷавобгӯянд, аҳамияти калон доранд.

Ҳамчунин, лоиҳа такмили равандҳои ҷудокунии ашёи хом ба фраксияҳо ва коркарди амиқи пасмондаҳои вазнинро дар бар мегирад. Дар натиҷа иқтидори солонаи коркарди нафти завод боз 2,5 миллион тонна афзуда, тавоноии умумӣ ба 5 миллион тонна мерасад. Афзудани ҳаҷми коркарди ашёи хом ва истеҳсоли маҳсулоти тайёр барои таҳкими таъминоти бозори дохилӣ ва афзудани содирот имкон медиҳад.

Президент аз рӯйи дар муҳлатҳои муқарраршуда ва бо сифати баланд анҷом додани корҳои навсозӣ, ҳамоҳанг сохтани таҷҳизоти нав бо равандҳои мавҷудаи истеҳсолӣ, инчунин, таъмини фаъолияти устувори корхона дастурҳо дода, бо намояндагони ширкатҳои хориҷӣ, ки дар татбиқсозии лоиҳа иштирок доранд, мулоқот кард.

Ташриф бо зиёрати мақбараи Баҳоуддин Нақшбанд, воқеъ дар ноҳияи Когон оғоз ёфт.

Зиёдулло ҶОНИБЕКОВ,
Абдулазиз РУСТАМОВ,
Зарифҷон КОМИЛОВ,
Дилшод ҲАКИМОВ,
мухбирони масхуси ЎзА.



Ноҳияи Шерободи вилояти Сурхондарё яке аз минтақаҳои пешрафтаи анорпарварӣ ба шумор меравад. Анорҳои хушсифати дар ин ҷо парваришёфта на танҳо дар бозори дохилӣ, балки дар кишварҳои хориҷӣ низ харидорони худро доранд.

Тибқи маълумотҳо, аз 9 ҳазор гектар анорзори вилоят 5 ҳазор гектари он ба ноҳияи Шеробод рост меояд. Ин нишондиҳанда қариб 90 дарсади масоҳати умумии боғҳои ноҳияро, ки 5 ҳазору 619 гектарро ташкил медиҳад, дар бар мегирад.

Анорпарварӣ ба яке аз манбаъҳои муҳими даромади сокинони ноҳия табдил ёфтааст. Аз ҷумла, аз 48 ҳазор хоҷагии хонаводаи минтақа қариб 16 ҳазортои он дар заминҳои наздиҳавлигиашон анор парвариш мекунанд.

Яке аз хоҷагиҳои пешқадами ноҳия ба соҳибкор Сарвар Алланазаров тааллуқ дорад. Ӯ соли 2021 ҳамроҳи бародаронаш дар масоҳати 43 гектар боғи анор бунёд кард. Ҳоло дар ин боғ 28 ҳазор бех дарахти анор парвариш карда мешавад.

***Дар сурат:** анорҳои Шеробод, ки бо таъму сифати хоси худ дар бозорҳои хориҷӣ низ харидорони зиёд пайдо кардааст.*

Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).

Бахше аз ислоҳоти васеъмиқёс ба рушди соҳаи энергетикаи обӣ, азхудкунии иқтидори назарраси энергетикии захираҳои обӣ, таъсиси иқтидорҳои нави истеҳсолӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир тааллуқ дорад. Дар ин раванд ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» дар таҳкими амнияти энергетикӣ ва рушди иқтисодиёти «сабз» саҳми арзанда мегузорад.

ИСЛОҲОТЕ, КИ БА ДУРНАМОИ РУШДИ ЭНЕРГЕТИКАИ ОБӢ НИГАРОНИДА ШУДААСТ



Бо шарофати ташаббусҳои стратегӣ ва ислоҳоти пайдарпай, ки солҳои охир ба рушди соҳа равона гардидаанд, энергетикаи обии миллӣ ба марҳилаи сифатан нави рушд ворид шуд. Аз ҷумла, шумораи неругоҳҳои барқи обӣ дар кишвар аз 36-то ба 106 адад расида, иқтидори умумии муқарраршудаи соҳа ба 2,5 ГВт баробар гардид. Дар натиҷаи азхудкунии иқтидори энергетикии дарёҳо ва каналҳо, сохтмони неругоҳҳои барқи обии хурд ва татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ имкониятҳои соҳа боз ҳам васеъ мегарданд.

Конфронси матбуотӣ дар мавзӯи «ҶС «Ӯзбекгидроэнерго»: ислоҳоте, ки дар соҳа амалӣ мегарданд, натиҷаҳои бадастомада ва дурнамои рушди энергетикаи обӣ» маҳз дар ҳамин мавзӯъ баргузор гардид.

– Моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ барои ҷамъият давраи нишондиҳандаҳои назарраси истеҳсолӣ ва дастовардҳои муҳими таърихӣ гардиданд. Дар давраи ҳисоботӣ 6 642,7 млн кВт·соат неруи барқ истеҳсол карда шуд. Ҳамзамон, нақшаи нӯҳмоҳа бори аввал дар таърихи ҷамъият ба андозаи 120 фоиз иҷро гардида, суръати афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 124 фоизро ташкил дод. Арзиши неруи барқи истеҳсолшуда ба 3 трлн сӯм расид. Муҳимтар аз ҳама, бори аввал дар таърихамон ҳаҷми шабонарӯзии истеҳсоли неруи барқ аз 50 млн кВт·соат зиёд гардид, – гуфт муовини аввали раиси ҶС «Ӯзбекгидроэнерго» Фаррух Нуруллоев.

Фаъолияти сармоягузорӣ низ ба яке аз омилҳои муҳими рушди соҳа табдил ёфтааст. Дар давраи ҳисоботӣ ба маблағи умумии 151,9 млн доллари ИМА сармоягузорӣ аз худ карда шуд, ки 110 фоизи нақшаи муқарраршударо ташкил медиҳад. Аз ин маблағ 48,7 млн доллар ба сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ рост омада, нақшаи ин самт 141 фоиз иҷро гардид. Илова бар ин, аз ҳисоби маблағи ҷамъият 103,2 млн доллар сармоягузорӣ равона карда шуд. Ин маблағҳо барои сохтмони иншооти нави энергетикӣ, васеъ намудани иқтидорҳои мавҷуда ва навсозии инфрасохтори соҳа хизмат мекунанд.

Дар доираи барномаи маҳаллисозӣ аз рӯйи ҳашт лоиҳа ба маблағи 177,2 млрд сӯм маҳсулот истеҳсол гардида, нақша 125 фоиз иҷро шуд. Ҳамзамон, дар натиҷаи беҳсозии хароҷоти истеҳсолӣ ва идоракунӣ, инчунин тақвияти принсипҳои сарфакорӣ, хароҷот ба маблағи 156,4 млрд сӯм кам карда шуд. Ин барои таҳкими иқтидори саноати ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва таъмини устуворияи молиявӣ аҳамияти муҳим дорад.

Энергетикаи обии муосирро бе технологияҳои рақамӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, дар «Ӯзбекгидроэнерго» ба ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ, табдили рақамӣ ва технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, такмили равандҳои идоракунӣ ва таҳкими амнияти киберӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад.

Рушди минбаъдаи энергетикаи обӣ бо технологияҳои муосир, ҳамкориҳои байналмилалӣ ва иқтидори кадрҳои баландихтисос робитаи ногусастанӣ дорад. Бо ин мақсад робитаҳои илмӣ ва амалӣ бо муассисаҳои таҳсилоти олии шарик тақвият ёфта, низоми таҳсилоти дуалӣ рушд дода мешавад. Ҳамзамон, ба ҳамгироии донишҳои назариявии ҷавонон бо таҷрибаи амалӣ бевосита дар истеҳсолот аҳамияти махсус дода мешавад.

Ба равандҳои лоиҳакашии иншооти ояндадори энергетикаи обӣ ширкатҳои пешбари Туркия, Эрон ва Русия, инчунин коршиносон ва мутахассисони соҳавӣ ҷалб карда мешаванд. Ба шарофати ин таҷрибаи пешқадами хориҷӣ ҳамаҷониба омӯхта шуда, хулосаҳои муосири муҳандисӣ ва равишҳои инноватсионӣ марҳила ба марҳила дар таҷрибаи ватании энергетикаи обӣ ҷорӣ мегарданд.

Илова бар ин, ҳамкорӣ бо ширкатҳои пешбари Чин ва Ҷумҳурии Куриё дар самтҳои табодули таҷриба, азхудкунии гидроагрегатҳои муосир ва таҷҳизоти инноватсионӣ, инчунин автоматикунонии равандҳои истеҳсолӣ васеъ мегардад.

Ҳавасмандии муассисаҳои молиявии ИМА, Амороти Муттаҳидаи Араб, Туркия ва Чин ба маблағгузории мустақими лоиҳаҳои ҷамъият аз болоравии нуфузи соҳа дар бозори байналмилалии сармоягузорӣ шаҳодат медиҳад.

Т. МИРҲАЁЕВ.
Аксбардор: Р. ГАЛИЕВ.

ВОХӮРИИ СЕ АВЛОД

Дар мактаби махсусгардонидашудаи ноҳияи Сӯх бо иштироки устодон, нуроният ва ҷавонон чорабинии «Вохӯрии се авлод» баргузор гардид.

Дар чорабинӣ депутати Олий Маҷлис Гулчеҳрахон Ҷӯраева, раиси Шӯрои вилоятии Иттифоқҳои касабаи ташкилотҳои давлатии Ӯзбекистон Расулҷон Раҳимов, ҳокими ноҳияи Сӯх С. Сайидмусоев, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ноҳия, инчунин роҳбарони ташкилоту муассисаҳо иштирок намуданд.

Ҳадафи асосии ин чорабинӣ таҳкими робитаи наслҳо, тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ, меҳру оқибат ва анъанаҳои нек, инчунин ба насли ҷавон расонидани таҷрибаи бойи ҳаётии устодон ва нуроният буд.

Дар рафти чорабинӣ мусобиқаи варзишӣ аз рӯйи шоҳмот, шашка ва теннис ташкил карда шуд. Мусобиқа дӯстона гузашт ва ба иштирокчиён рӯҳияи болида бахшид. Ғолибон ва иштирокчиёни фаъол ба таври муносиб қадрдонӣ шуданд.

Инчунин, дар доираи чорабинӣ суҳбатҳои самимӣ баргузор гардида, устодон ва нуроният хотираҳои ибратбахши худро ба ҷавонписарону духтарон нақл карданд.

Вохӯрии се авлод намояндагони насли нуногунро дар як давра ҷамъ оварда, барои боз ҳам мустаҳкамтар намудани меҳру оқибат ва ҳамбастагии байни наслҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.
Вилояти ФАРҒОНА.

Аниси кунҷӣ танҳоӣ китоб аст

«САҲМГУЗОРИ ОЯНДАИ ДУРАХШОНИ КИШВАР БОШАМ»

«Ҷавонон дигар китоб намехонанд». Ин суханро бисёр мешунавем. Аммо оё воқеан чунин аст? Бесабаб нест, ки ин мавзӯъро ба миён мегузорам, зеро имрӯз ба ҳар мағозаи китобе, ки ворид шавед, онро пуродам мебинед. Одамон вобаста ба имконияту хоҳиши худ китоб мехаранд.
Имрӯз ҷавононе низ кам нестанд, ки барои бо адабиёти зарурӣ таъмин намудани китобхонон камар бастаанд. Яке аз чунин ҷавонони ғайратманд Ҷаҳонгир Бафоеви бухоронӣ мебошад, ки дар байни мардум ҳамчун тарғибгари маънавият шинохта шудааст. Ӯ 30 июни соли ҷорӣ ба муносибати Рӯзи ҷавонон аз ҷониби роҳбари давлат бо медали «Kelajak bunyodkori» сарфароз гардонида шуд.
– Ҷавонони имрӯзаро «китоб намехонанд» гӯем иштибоҳ мешавад, – мегӯяд Ҷаҳонгир, – баръакс, сол аз сол китобхонӣ дар байни хурду калон рушд карда истодааст. Сабаби ин таваҷҷуҳи Президент ба китоб ва мутолиаи китоб мебошад. Аз ҷумла, пас аз эълон шудани озмуни «Китобхони ҷавон» соли 2017, дар кишвари мо шумораи китобхонон ба таври назаррас афзоиш ёфт. Агар то соли 2017 дар Ӯзбекистон беш аз 100 корхонаи табъу нашр фаъолият дошта бошанд, ҳоло шумораи онҳо аз 600 адад гузаштааст.



– Ҷаҳонгир, овони бачагӣ, инчунин солҳои таҳсил дар мактаб, муносибати Шумо ба китоб чӣ гуна буд? Дар бораи муҳите, ки дар он ба воя расидаед, нақл мекардед.

– Муҳити китобдӯстӣ ба ман бегона нест, чунки дар оилаи мо ҳама китобро дӯст медоштанд. Падар ва бобоёни ман натанҳо бо савдои китоб, балки бо китобхонӣ низ бештар машғул мешуданд. Бобову бибӣ ва падари ман дар давраи шӯравӣ дар мағозаҳои китобфурӯшӣ фурӯшанда буданд. Ман низ яке аз идомадиҳандаи ин анъана ҳастам, аммо самти тарҷума ва нашри китоб, яъне шуғли соҳаи нашриёт аз ман оғоз ёфт. Имрӯз, вақте китобҳои нашркардаамонро ба даст мегирам, дар баробари меҳнати худ идомаи ҳамин анъанаи оилавиамонро низ эҳсос мекунам.

Ҳарчанд ҷавонам, талхиҳои зиндагиро чашидаам, барои рафъи мушкилоти моддии рӯзгор солҳои зиёд дар хориҷи кишвар заҳмат кашидаам.

Он солҳо ба худ қавл дода будам: ба Бухоро бармегардам ва бо фаъолияте машғул мешавам, ки ба ҷомеа фоида расонам ва аз ман номи нек ва арзандае боқӣ монад. Ҳамин ният маро ба нашри китоб овард. Пас аз баргаштан ба зодгоҳ ин соҳаро амиқтар омӯхтам ва аз соли 2023 ба ин кор шурӯъ кардам. Ман бовар дорам, ки дар китобфурӯшӣ ва нашри китоб баракат ҳаст. Зеро ин кор ҳамеша имкони ба одамон расондани дониш ва некиро дорад. Китобе, ки шумо омода кардаед, ба фарзанди касе дониш медиҳад, ба каси дигар барои шинохтани худ кумак мерасонад ва барои шахси сеюм дар лаҳзаи душвор тасаллӣ мебахшад...

Пас аз нашри китобҳои хубамон, китобхонҳо занг зада, изҳори сипос мекунанд. Вақте он миннатдории самимонаро мешунавед, моҳияти меҳнати кардаатонро боз ҳам амиқтар дарк менамоед. Ин ба ман неру мебахшад ва водор мекунад китоби навбатиро боз ҳам пухтатару зеботар омода созам.

– Аз нав нашр шудани асарҳои хуб боиси хушҳолист, аммо дар онҳо хатоҳои имлоӣ ва услубӣ бисёранд. Барои пешгирӣ аз чунин камбудиҳо нашриётҳо бояд чӣ кор кунанд?

– Ин эроди шумо бисёр бамаврид аст. Хонандаи ҷавоне, ки нав ба мутолиа оғоз кардааст, метавонад калимаи ғалатро низ дуруст пиндорад. Бинобар ин, масъулияти нашриёт бо чопи китоб ба анҷом намерасад. Ба назари ман, дар нашри китоб ҳамкории муҳаррир, муҳаррири адабӣ ва мусаҳҳеҳон зарур аст. Пас аз саҳифабандӣ низ матн ҳатман бояд аз нав санҷида шавад: баъзан маҳз дар ҳамин марҳила ба матни дуруст хато ворид мегардад.

Ҳангоми нашри такрорӣ низ фиристодани китоби қаблӣ ба чопхона бе ягон бозбинӣ кофӣ нест. Камбудиҳое, ки китобхонҳо гуфтаанд, бояд ҷамъоварӣ, санҷида ва ислоҳ карда шаванд. Аз хонандае, ки дар бораи хато хабар медиҳад, бояд сипосгузор буд, зеро ӯ ба нашриёт барои беҳтар кардани кораш кумак мекунад.

Ман нисбат ба нашриёти худам низ ҳамин талабро мегузорам. Ба ҷойи ваъдаи «Дар китобҳои мо хато намешавад», муҳимтар он аст, ки низоми ошкор ва ислоҳ кардани хатоҳо тақвият ёбад.

– Ҳамчун шахсе, ки бо китоб бештар сару кор дорад, ба волидони ҷавон чӣ маслиҳат дода метавонед, то шавқу ҳаваси фарзандашонро ба китобхонӣ бештар гардонанд?

– Дар ин бобат дар он ақидаам, ки шавқу рағбати кӯдак ба китоб танҳо бо насиҳат бобати китобхонӣ пайдо намешавад. Ба ӯ китоби ҷолиби мувофиқи синну солаш лозим мешавад. Агар кӯдак китобхониро вазифаи маҷбурӣ шуморад, кӯшиш мекунад онро ҳарчи зудтар хонаду ба анҷом расонад, аммо вақте аз китоб барои худ чизи навро кашф кунад, аз паи ҷустуҷӯйи китоби навбатӣ мешавад.

– Бо корҳои неки худ мавриди таваҷҷуҳи роҳбари давлатамон қарор гирифта, бо медали «Kelajak bunyodkori» сарфароз гардидед. Ин саодати бузург аст, ҳамин тавр не? Барои сазовор шудан ба эътимоди эшон боз чӣ ҳадафҳои олӣ доред?

— Ростӣ, ин мукофоти ғайричашмдошт барои ман бахту шарафи бузург гардид. Хусусан вақте давраҳои душвори зиндагӣ дар хориҷи кишварро ба ёд меорам, қадри ин эътирофро боз ҳам амиқтар эҳсос мекунам. Дар ин роҳ саҳми меҳнати ҷамоаи ман низ бузург аст.

Мукофот дар баробари шодӣ ба ман масъулият низ бахшид. Мехоҳам эътимоди зоҳиршударо бо корҳои нав, китобҳои босифат ва фоидае, ки ба ҷомеа мерасонем, сафед кунам.

То имрӯз беш аз сад номгӯ китоб нашр кардем. Тарҷумаи қариб 120 китоби дигар низ омода аст. Ният дорем, аз соли 2027 таҳти бренди «Bukhara books» ҳар моҳ камаш 7 номгӯй китоби нав нашр кунем. Барои ин, албатта, корҳои таҳрир ва омодасозӣ ба нашрро низ бояд дар сатҳи муносиб ба роҳ монем.

Ҳадафи дигар, муаррифии адабиёти классикӣ ба ҷаҳониён аст. Бо ҳамин ният дар Англия ширкати «Bukhara books LTD»-ро таъсис додем. Ҳоло мунтазири иҷозатномаҳои зарурӣ барои воридот ва содирот ҳастем. Пас аз гирифтани онҳо, мехоҳем китобҳоро барои нашр омода карда, фурӯши онҳоро дар ин давлат ба роҳ монем. Мехоҳам хонандаи хориҷӣ ватанамонро тавассути китобҳо низ бишносад.

Ҳадафи асосии мо аз таъсиси «Bukhara books» танҳо китобфурӯшӣ набуда, балки фароҳам овардани муҳити китобхонӣ мебошад. Барои ман он чиз муҳим аст, ки хонанда ба китобхона боз баргашта, аз пайи ҷустуҷӯйи китобҳои нав шавад, атрофиёнро низ ба китобхонӣ ташвиқ намояд.

Мусоҳиб

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Андешаҳо

ТАҶРИБАИ ЗИНДАГӢ, ТАБОБАТИ ХАЛҚӢ ВА ИЛМ

ё чӣ гуна як маслиҳати табиб ба таҷрибаи фаромӯшнашаванда табдил ёфт

Дар ҳаёти имрӯза барқарор кардани масуният (қобилияти муқобилат карда тавонистани организм ба бемориҳои сирояткунанда) кори осон нест. Ғизое, ки мо истеъмол мекунем, на ҳамеша арзиши табиӣ ва ғизоии пешинаро дорад. Тарзи истеҳсолу коркарди маҳсулот, тағйири одатҳои ғизоӣ ва кам шудани таваҷҷуҳ ба ғизои солим низ ба саломатии инсон таъсир мерасонад. Заиф шудани муқовимати организм, камхунӣ, норасоии баъзе витаминҳо ва минералҳо, хастагии доимӣ – инҳо мушкилоте ҳастанд, ки имрӯз дар зиндагии бисёр одамон ба назар мерасанд.



Баъзан фикр мекунам, ки мо дар ҷустуҷӯйи дору ва воситаҳои гуногуни давоӣ барои нигоҳ доштани саломатӣ, шояд ба баъзе маҳсулоти одии ғизоӣ, ки пешиниён аз хусусияти онҳо огоҳ буданд, камтар таваҷҷуҳ мекунем. Албатта, ҳар салоҳдиди мардумиро, бе далели илмӣ, дуруст шуморидан нашояд. Имрӯз тиб бар асоси таҳқиқот ва далел амал мекунад ва ин меъёр бояд ҳамеша дар ҷойи аввал бошад. Аммо баъзе таҷрибаҳои ғизоӣ, ки аз насл ба насл гузаштаанд, низ метавонанд моро водор созанд, ки ба арзиши ғизоии маҳсулоти табиӣ аз дидгоҳи дигар назар кунем.

Аз кӯдакӣ орзу доштам табиб шавам. Орзуи пӯшидани хилъати сафед, дарди касеро сабук кардан дар дилам ҷой гирифта буд. Аммо қисмат роҳи дигареро дар пеш гузошт. Бе сарпаноҳи падар, мушкилоти рӯзгор, шароити деҳот ва имкониятҳои маҳдуди таҳсил барои духтарон дар он замон боис шуданд, ки орзуи кӯдакиам амалӣ нашавад.

Бо вуҷуди ин, таҳсилро идома додам. Филолог шудам. Муддате омӯзгор будам. Баъдан рӯзноманигориро интихоб намудам.

Бо вуҷуди ин, тиб маро ба олами худ мекашад. Тақдир маро ба соҳаи тиб аз роҳи дигар ворид кард, ки ба бемории фарзанд иртибот дорад.

Вақте фарзанди инсон бемор мешавад, модар дигар орому қарорашро гум мекунад. Ба дунболи табиб мегардад, китоб мехонад, маълумот ҷамъ мекунад, натиҷаҳои таҳлилиро пайгирӣ мекунад. Ман низ дар чунин вазъ қарор гирифтам. Барои бемории фарзанд ва муолиҷа ба табибони гуногун мурочиат кардам. Аммо ҳолати фарзанд рӯз аз рӯз вазнинтар мешуд. Иммунитеташ хеле заиф гардида, нишонаҳои камхунӣ ва заъфи шадид пайдо мешуданд. Ҳар рӯзи беморӣ барои ман як рӯзи пур аз изтироб буд.

То рӯзе расид, ки табибон фарзанди маро дар ҳолати вазнин аз беморхона ба ихтиёрам доданд.

Ва аз табибон суханеро шунидам, ки барои ҳар як модар шунидани он басе гарон аст: «Акнун танҳо аз Худо мадад пурсед...»

Аммо, ба ҳар ҳол, инсон дар чунин лаҳзаҳо даст ба охирин риштаи умед мебарад.

Дар ҳамин рӯзҳои пурдард табиби соҳибтаҷриба Гулойим Айҷановаи шодравон, ки табиби дараҷаи олӣ буду дар яке аз поликлиникаҳои давлатии шаҳри Тошканд кор мекард, ба ман тавсияи ғайриоддӣ дод.

Ӯ гуфт:«Ба фарзандат забони говро пухта деҳ. Дар он моддаҳое ҳастанд, ки ба қувват гирифтани организм кумак мекунанд. Беҳтараш ҳар бор як забонро пурра истеъмол кунад».

Ростӣ, имрӯз ҳам агар ин воқеаро ба касе нақл кунам, шояд тааҷҷуб кунад. Аммо он рӯз барои ман дигар чиз муҳим набуд. Мани модар мехостам василаеро, ки эҳтимоли ба фарзандам кумак кардан дошт, санҷам.

Фарзандам тадриҷан қувват гирифт. Ранги рӯяш барқарор шуд, иштиҳо пайдо кард, ҳолати умумияш беҳтар шуд. Иммунитет ва нишондиҳандаҳои хунаш низ барқарор шуданд.

Табибоне, ки гуфта буданд: «Танҳо аз Худо мадад пурсед», баъд аз дидани ӯ, дар ҳайрат монданд. Барои ман ин ҳолат бозгашти умед буд.

Шояд нафаре гӯяд: «Аз куҷо донистӣ, ки маҳз забони гов чунин таъсир кардааст?» Ростӣ, ман низ имрӯз ба ин савол бо эҳтиёт муносибат мекунам. Зеро баъдтар, вақте ба масъала аз нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудам, фаҳмидам, ки як тағйироти мусбатро наметавон танҳо ба як восита нисбат дод. Дар барқароршавии инсон омилҳои зиёде: табобат, ғизо, нигоҳубин, вазъи умумии организм ва бисёр чизҳои дигар метавонанд нақше дошта бошанд.

Аммо як чиз барои ман равшан аст: дар он давраи душвор истеъмоли забони гов ба беҳтар шудани ҳолати фарзандам мусоидат кардааст. Камина наметавонам онро ҳамчун далели илмӣ барои дигарон пешниҳод кунам, аммо наметавонам таҷрибаи зиндагии худро низ инкор намоям.

Ҳамин воқеа маро водор намуд, ки дар бораи арзиши ғизоии забони гов маълумоти бештар пайдо кунам.

Аз нигоҳи ғизошиносон, забони гов маҳсулоти серғизо, дорои сафеда, оҳан, витамини B12 ва як қатор микроэлементҳо будааст. Витамини B12 барои ташаккулу ҳуҷайраҳои хун ва фаъолияти дурусти низоми асаб аҳамияти калон доштааст. Оҳан низ барои тавлиди гемоглобин зарур аст. Руҳ ва селен бошанд, дар фаъолияти муътадили низоми масуният нақш доранд.

Бино ба натиҷагириҳои мутахассисон агар инсон ба рӯйхати хӯрданиҳои худ маҳсулоти дорои чунин моддаҳои ғизоиро ворид кунад, ба нигоҳ доштани саломатӣ ва таъмини эҳтиёти ғизоии организм муяссар мегардидааст.

Баъзан мо ғизоро, сарфи назар аз таъкиди падари табибони дунё – Ибни Сино, ки гуфтааст: «Давои инсон бояд ғизо, ғизои инсон даво бошад» танҳо барои сер шудан истеъмол менамоем. Ҳол он ки ғизо барои организм манбаи сафеда, витамин, минерал ва дигар моддаҳои зарурӣ низ ҳаст. Агар ғизо номутавозин бошад, организм низ метавонад аз баъзе моддаҳои муҳим маҳрум гардад.

Масъалаи камхунӣ метавонад ба заъф, хастагӣ ва паст шудани қобилияти меҳнат оварда расонад. Вақте инсон аз норасоии баъзе моддаҳои ғизоӣ ранҷ мекашад, табиист, ки бояд ба ғизои дуруст рӯ оварад. Аммо ин маънои онро надорад, ки забони гов ё ягон маҳсулоти дигар метавонад ҷойи табобати тиббиро гирад.

Шояд бисёр тавсияҳои аз насл ба насл гузашта имрӯз ба таҳқиқоти ҷиддӣ ниёз доранд. Ва дар баъзеи онҳо донишҳои одии ғизоӣ пинҳон бошанд, ки гузаштагони мо бино ба таҷриба дарк карда буданд. Аммо фарқ миёни таҷриба ва далели илмӣ вуҷуд дорад.

Баъд аз он ки фарзандам он рӯз рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, сухани пурҳикмати донишманде ба ёдам расид, ки фармудааст: «Умед баъзан аз ҷое пайдо мешавад, ки мо интизораш нестем».

Дилнозаи ДОНИЁР,
«Овози тоҷик».

Дар доираи татбиқи қарори Президент, аз 8 июли соли ҷорӣ, «Дар бораи чорабиниҳои иловагӣ оид ба рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Сӯх дар солҳои 2026-2028, таъмини шуғли аҳолӣ ва рушди соҳибкорӣ тавассути сафарбар намудани захира ва имкониятҳои мавҷуда» дар ноҳия корҳои васеъи ободонӣ ва бунёдкорӣ амалӣ карда мешаванд.

ЭЪТИБОР БА ТАЪЛИМ

Дар мактаби таҳсилоти умумии рақами 2-юми маҳаллаи Янгиариқ аз ҳисоби маблағи 8 миллиард сӯм бинои нави таълимӣ барои 330 ҷойи нишаст сохта мешавад. Инчунин, бинои кунунии таълимгоҳ мавриди азнавсозӣ қарор дорад.

Ҳоло дар мактаб 881 нафар хонанда дар ду баст таҳсил мекунанд. Бо мавриди истифода қарор гирифтани бинои нав имконият пайдо мешавад, ки раванди таълим дар як баст ташкил карда шавад. Тибқи лоиҳа синфхонаҳои муосир, хонаҳои таълимӣ ва ёрирасон, инчунин инфрасохтори зарурӣ ташкил карда мешаванд.

Инчунин барои сохтмону таъмири мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 30-юми минтақа низ 2 миллиарду 600 миллион сӯм маблағ ҷудо шудааст.

Айни замон дар муассиса 162 нафар хонанда дар 8 самт таълим мегиранд. Корҳои амалишаванда ба рушди истеъдоди ҷавонон дар соҳаи мусиқӣ ва санъат, зоҳир намудани иқтидори эҷодии онҳо ва баланд бардоштани сифати таълим хидмат мекунанд.

Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ.

Вилояти ФАРҒОНА.

РОҲҲОИ РАВОН – РУШДИ МИНТАҚА

Дар ноҳияи Уйчӣ корҳои таъмири роҳҳои автомобилгард ва беҳтар кардани инфрасохтори нақлиёт мунтазам идома доранд.

Роҳҳои ҳамвор яке аз омилҳои муҳимми бехатарии ҳаракати нақлиёт ва рушди минтақа мебошанд. Аз ин рӯ, ба таъмири роҳҳои автомобилгарди аҳамияти давлатӣ ва маҳаллӣ, бартараф кардани мушкилоти мавҷуда ва беҳтар кардани сифати рӯйпӯши роҳ дар ноҳия таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Аз ҷумла, дар давраи охири соли ҷорӣ муассисаи давлатии истифодаи роҳҳои ноҳиявӣ дар 4 км. роҳ корҳои таъмириро ба маблағи 4,2 миллиард сӯм анҷом дод. Ҳамчунин, барои бартараф кардани чуқуриҳое, ки дар роҳҳо ба ҳаракат кардан халал мерасонанд, дар масоҳати 24 ҳазор метри мураббаъ бо харҷи 1,5 миллиард сӯм таъмир карда шуд. Ҳоло ҳам корҳои сохтмонии роҳ босуръат идома доранд.

Аз ҷумла, дар 2 километри роҳ, ки ба шуъбаи бемориҳои сироятии кӯдакона мебарад ва барои аҳолӣ, беморон ва кормандони тиббӣ аҳамияти калон дорад, корҳои барқарорсозии роҳҳои вайроншуда анҷом дода шуд. Барои барвақт ва босифат анҷом додани ин корҳо 25 тонна омехтаи асфалту бетон истифода мешавад.

Ин корҳо на танҳо ҳолати рӯйпӯши роҳро беҳтар мекунанд, балки шароити бехатарии ҳаракати нақлиётро барои ронандагон ва пиёдагардон фароҳам меоранд, дастрасиро ба муассисаи тиббӣ осон мекунанд ва барои аҳолӣ шароити хуб фароҳам меоранд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик дар вилояти Намангон.

ТАБИАТ МЕКУНАД МОРО ТАБОБАТ



(Давомаш. Аввалаш дар шумораҳои гузашта).

Дар тағзияи пӯст

Равғани зайтун барои ҷойҳои хушки пӯст: парвариши оринҷ, зону ва пошна хеле муфид аст. Барои ин равғани зайтунро каме гарм карда, ба пӯсти хушк молидан кофист.

Барои сафед кардани пӯст

Як пора нонро дар шири нимгарм тар мекунанд. Ин омехтаро ба пӯсти даст, ба ҷойҳои лозима мемоланд. Дар ин маврид мехостем ёдоварӣ намоем, ки лимӯ низ хусусияти сафедкунанда дорад. Пас аз 20 дақиқа марҳамро мешӯед. Дар натиҷа чиркҳои сӯрохии пӯст нест шуда, пӯст тоза ва ҷилодор мегардад.

Ҳангоми тағйир ёфтани ранги пӯст

Мурчи кӯфтаро бо орди соя (як навъи лӯбиё) ва нахӯд, равғани мурғ омехта, марҳам омода мекунанд. Онро дар давоми як моҳ ҳар шаб ба ҷойҳое, ки ранги пӯст тағйир ёфтааст, молидан лозим.

Барои бартараф кардани камрангии пӯст

Себ аз модда ва кислотаҳо бой мебошад. Як дона себро шуста, пӯсташро тоза кунед. Аз турбтарош гузаронед. Баъд дасту рӯйи худро шуста, онро ба қисми рӯю гардани худ молед. Пас аз 25 дақиқа ниқобро бо оби хунук шӯед. Агар ин муолиҷаро дар давоми 2 моҳ ҳафтае як маротиба такрор намоед, доғҳои майда ва ранггаридагии пӯстро бартараф месозад.

Ҳангоми аз офтоб сӯхтани пӯст

Докаро дар шарбати тарбуз ё бодиринг тар карда, 15–20 дақиқа дар шакли компресс мегузоранд. Агар ин муолиҷа дар як рӯз 2–3 маротиба иҷро шавад, дар пӯст ягон хел дигаргунии номатлуб ба вуҷуд намеояд.

Ҳангоми хушк шудани пӯст

Равғани бодом зуд ҷаббида мешавад, хушкшавӣ ва кафидани пӯстро пешгирӣ менамояд. Агар пӯсти оринҷ, зону ва пошнаи шумо дурушт шуда бошад, равғани бодом молед ва ҷойи онро масҳ намоед: дар натиҷа пӯст хеле мулоим мешавад.

Ҳангоми арақ кардан

Барои раҳоӣ аз бӯйи нохуш, пӯсти дарахти булут (эман)-ро ҷӯшонида, ба оби он шарбати лимӯ илова мекунанд ва зери бағалро ҳар рӯз чанд маротиба пок мекунанд. Ин муолиҷа аз арақкунии зиёд пешгирӣ намуда, бӯйи хуши лимӯ медиҳад.

Барои арақро баровардан (табобати арақовар)

Баласон (қорақат, чёрная бузина) арақовар аст. Аз гули хушкшудаи баласон як қошуқ гирифта, дар як истикон об дам мекунанд. Пас аз 20 дақиқа, онро соф карда, дар ҳолати гарм менӯшанд.

Ҳангоми сӯхтан аз ҳарорати баланд (термикӣ)

Сӯхтани ҳароратӣ дар натиҷаи таъсири оби ҷӯш, оташ, равған ё металли гарм ба вуҷуд меояд. Барои кам кардани дард ва пешгирии варами бофтаҳо, дасту пои сӯхтаро зери оби равон мегузоранд.

Барои бардамӣ

Ҳангоми зуд-зуд чарх задани сар, дамкардаи дӯлона кӯмак мерасонад. Барои ин аз болои 20 дона дӯлона як истикон оби ҷӯш андохта, 10 дақиқа дар оташ мечӯшонанд. Ин ҷӯшобро метавон ба ҷойи чой бемаҳдудият нӯшид.

Оби мушкини қувватбахш

1 қошуқ намакро дар ним истикон сиркои себ ҳал мекунанд. Сипас ба як литр оби тоза омехта менамоянд. Ин оби мушкинро на танҳо ба рӯй, балки метавон ба тамоми бадан молид.

(Давом дорад).

Таҳияи **З. ҲАМДАМОВА,**
А. РӮЗИМАТОВ.

Чанде пеш ба рухсатии меҳнатӣ баромада ба шуъбаи маънавият ва маърифати ноҳия рафтам. Пеш аз маргаш Баҳодур Исо дар ин шуъба ба кор истиҳдом шуда буд. Ин шуъба дар замони шӯравӣ номи ҷамъияти «Дониш»-ро дошт. Банда дар ин ҷо беш аз 6 сол кор кардаам, барои ҳамин иттифоқ меафтод, ки олимон, шоирон, нависандагон, рассомон, хуллас, таблиғгарони маънавият ва маърифати маъруфро, ки бархе дар пойтахт ва чанде дар маркази вилоят зиндагӣ ва эҷод мекарданд, ба колхозу совхоз, ташкилоту корхона ва муассисаҳои таълимӣ роҳбаладӣ кунам ва вохӯриҳои ҷолиб ташкил диҳам.

ШОИРЕ, КИ ШЕЪРҲОЯШ МОНДАГОРАНД

Ман бисёре аз шеърҳои ӯро дар компутер менавиштам ва нусхабардорӣ мекардам. Ҳамин тавр, риштаи қадрдонии ману Баҳодур Исо боз ҳам қавитар мешуд. Баъзан, вақте ки кор дар шуъбаи маънавият ва маърифат вазнин буд, ӯ ба ман занг мезад ва мегуфт: «Ман то нисфирӯзӣ дар ин ҷо мемонам. Дирӯз як овозхон, ки ба шеърам оҳанг бастааст, бароям ҳаққи қалами хуб фиристод. Биё, сари як пиёла чой суҳбат мекунем».

Беш аз нисфи рухсатии ман бо Баҳодурака гузашт. Як рӯз, вақте ки шеърҳои навнавиштаи ӯро дар компутер чоп мекардам, телефон занг зад.

– Зуд наздам биёед. Ман дар рӯбарӯйи бинои ҳокимият, – амр кард ӯ. Ӯ дар назди автобуси сурхи «Икарус» меистод ва маро дида, бо даст ишора кард: «Ин тараф биё!».

Ҳарду ба автобус савор шудем. Автобус пур аз одам буд. Чашмам ба Абдулло Бадалов – деҳқони пуртаҷриба аз деҳаи Дутир афтод, ки шахси аҷиб ва соҳибороост. Вай маро дида :«Ҳа, мухбири зоҳидонӣ, омадӣ?» гӯён бо чеҳраи хандон истиқбол гирифт.

Абдулло солҳои зиёд дар иҷрои нақшаи пахта ва ғалласупорӣ яке аз пешсафони ноҳияи Риштон маҳсуб меёфт.

– Мо ба кучо меравем? – аз Баҳодурака мепурсам.

– Ба ҷое меравему хурсандӣ ва истироҳат карда бармегардем, – посух дод ӯ.

Автобуси мо аз маркази ноҳияи Бағдод гузашт ва ба шаҳри Кӯканд наздик шуд.

– Баҳодурака, ман чизе намефаҳмам. Мо ба кучо равонаем?

– Ман шуморо ба ҷойи бад намебарам, фаҳмо? Мо ба Чуст меравем. Абдуллоака ба коргарони хоҷагии фермериаш ваъда дода будааст, ки баъди пур кардани нақшаи пахтаву ғалла бо аъзои оилаашон онҳоро ба Чуст мебарад, – гуфт Баҳодурака андак бо итоб.

Дар посухи ин ҳарфҳои ӯ чизе ба забон наомад.

Автобуси мо шаҳри Кӯқандро убур намуда, ҷониби Чуст мехазид. Вақте ки ба он ҷо расидем, дар як гӯшаи боғи фарогату истироҳати шаҳр ҷойи нишаст интихоб кардем. Каме поёнтар аз мо марду зан, ҷавону пир, писару духтар ва гурӯҳи кӯдакон давра зада менишастанд.

Баҳодурака гуфт, ки дар мошини дигар ҳофизи ҷавони риштонӣ – Турсуналӣ Латипов бо дӯстони худ меояд, ки ҳамроҳ баландгӯяк низ доранд. Чанд лаҳза гузашту Турсуналӣ торашро ҷӯр кард ва суруди «Душманонам худиҳоянд»-ро замзама намуд, бар матни шеъри Баҳодур Исо. Оҳиста атрофи моро одамони сину соли гуногун иҳота намуданд ва гӯш ба қимор суруд мешуниданд. Баъд оҳангҳои шӯх садо дод ва пиру барно ба рақс даромаданд.

Вай баъди андак хомӯш шудани садои суруди Турсуналӣ Латипов ва рақсу бозиҳо духтаракеро, ки дар ин базм хеле фаъол буд, ба наздаш хонд ва шинос шуд. Исмаш Маҳлиё будааст ва шеърҳояш дар рӯзномаи ноҳиявӣ нашр шудаанд. Духтарак бо ҳусни тавоҷҷӯҳи худ ба шеърҳои Баҳодур ӯро мафтун карда буд.

Шоир духтаракро падарвор хеле навозиш кард ва китобашро ба ӯ туҳфа намуд. Баъд гуфт, ки пайваста шеър аз ёд кунад ва ҳаргиз аз эҷод даст накашад. Маҳлиё, ки аз ин мулоқоти ғайримунтазир сараш ба осмон расида буд, хушҳолона бо шоир хайрухуш кард ва назди ҳамроҳонаш шитофт.

Ҳамин тавр, боз чанд соат вақти худро мо бо шодиву тараб дар боғи истироҳату фарогати шаҳри Чуст гузаронидем ва бегоҳӣ ба Риштон баргаштем. Ҳаргиз гумон намекардам, ки ин мулоқоти бароям ғайричашмдошт лаҳзаҳои вопасини дидор бо шоир, узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон Баҳодур Исо аст.

Агар вай дар қайди ҳаёт мебуд, баъди чанде 70-солаагиашро ботантана ҷашн мегирифтем. Аммо вай бемаҳал моро тарк намуд. Ёду ёдгораш гиромӣ ва маъвои охираташ обод бод.

Зайлобиддин ЙИГИТАЛИЕВ,
ноҳияи РИШТОН.

Ба ифтихори 100-умин солгарди зодрӯзи академик Муҳаммадҷон Шакурӣ

ПЕШНИҲОДИ УСТОД, ИНТИХОБИ МАВЗЎЪ ВА НАШРИ МОНОГРАФИЯ

Дар таърихи адабиётшиносии тоҷик номи академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухоро чун яке аз чеҳраҳои барҷастаи илми адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ мақоми хос дорад. Ӯ бо таҳқиқоти амиқ, андешаи мустақил ва муносибати масъулона ба мероси адабӣ дар ташаккули равишҳои илмии омӯзиши адабиёти муосири тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Осори ӯ на танҳо барои шинохти таърихи адабиёт, балки барои дарки робитаи анъана ва навоварӣ, халқият ва маҳорат, мазмун ва шакли бадеӣ аҳаммияти муҳим доранд.



Дар миёни масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи Муҳаммадҷон Шакурӣ омӯзиши эҷодиёти нависандагони бузурги тоҷик, аз ҷумла Сотим Улуғзода, ҷойгоҳи назаррас дорад. Шакурӣ ба осори Улуғзода на танҳо аз дидгоҳи арзиши адабӣ, балки бо назардошти муҳити таърихӣ, заминаҳои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ҷаҳонбинии эҷодии нависанда муносибат мекард. Ин равиш барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи мероси ӯ, аз ҷумла драматургияаш, заминаи муҳим фароҳам меорад.

Сотим Улуғзода аз адибони соҳибистеъдодест, ки дар рушди наср, драматургия ва тафаккури таърихии адабиёти тоҷик саҳми назаррас гузоштааст. Дар асарҳои драмавии ӯ масъалаҳои инсон ва ҷомеа, адолат, худшиносӣ, мубориза барои ҳақиқат ва муносибати шахс бо замони худ мавқеи муҳим доранд. Нависанда тавассути тасвири воқеаҳои таърихӣ ва офаридани образҳои гуногунҷанбаи инсонӣ ба масъалаҳои муҳими зиндагӣ рӯ меорад.

Омӯзиши драматургияи Улуғзода тақозо мекунад, ки асарҳо на танҳо аз рӯйи мазмун ва ғоя, балки аз ҷиҳати сохтори драмавӣ, низоми образҳо, бархӯрди характерҳо, муколама ва хусусиятҳои забони сахнавӣ низ таҳлил карда шаванд. Маҳз чунин муносибати фарогир имкон медиҳад, ки хусусиятҳои ҳунарии драматург ва ҷойгоҳи ӯ дар рушди театри миллии тоҷик дуруст муайян гардад.

Дар ин замина, осори илмии Муҳаммадҷон Шакурӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Китоби ӯ «Сотим Улуғзода» (1961) дар шинохти шахсият ва эҷодиёти нависанда мавқеи муҳим дорад. Ҳамчунин, масъалаҳое, ки Шакурӣ дар асари «Анъана, халқият ва маҳорат» (1964) мавриди баррасӣ қарор додааст, барои дарки хусусиятҳои эҷодиёти Улуғзода ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни маҳорати бадеии ӯ заминаи назариявӣ фароҳам меоранд.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқи драматургияи Сотим Улуғзода робитаи воқеияти таърихӣ бо тафаккури бадеӣ мебошад. Нависанда ҳангоми офаридани образҳои таърихӣ танҳо ба бозгӯйии воқеаҳо маҳдуд намешавад, балки тавассути низоми драмавӣ, рафтору гуфтори қаҳрамонҳо ва бархӯрди мавқеъҳои гуногун масъалаҳои ахлоқию иҷтимоиро пеш мегузорад. Аз ин рӯ, таҳлили чунин асарҳо бояд ҳам заминаи таърихии воқеаҳо ва ҳам мантиқи бадеии инъикоси онҳоро дар бар гирад.

Муҳаммадҷон Шакурӣ дар таҳқиқоти худ ба масъалаҳои халқият, анъана ва маҳорати эҷодӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир кардааст. Ин меъёрҳо барои арзёбии драматургияи Улуғзода низ аҳаммияти методологӣ доранд. Халқият дар асари драмавӣ танҳо бо истифодаи унсурҳои зиндагии мардум маҳдуд намешавад – он пеш аз ҳама дар хусусияти миллӣ ва иҷтимоии образҳо, дар забону тафаккури қаҳрамонҳо ва дар робитаи воқеии асар бо ҳаёти ҷомеа таҷассум меёбад. Маҳорати драматург бошад, дар тавони офаридани низоми таъсирбахш, ташаккулии характерҳо ва баёни табиию боварбахши андеша зоҳир мегардад.

Маҳз чунин фаҳмиши илмии адабиётшиносӣ дар интихоби мавзӯъ ва ташаккули равиши таҳқиқотии ман низ нақши муҳим бозид. Бо маслиҳат ва роҳнамоии илмии устод Муҳаммадҷон Шакурӣ камина ба омӯзиши амиқтари мероси драмавии Сотим Улуғзода рӯ овардам. Дар натичаи ин ҷустуҷӯҳои илмӣ таҳқиқоти худро таҳти унвони «Драматургияи Сотим Улуғзода» анҷом дода, соли 2000 дар шаҳри Душанбе рисолаи номзадӣ ҳимоя намудам.

Ин таҷриба барои банда на танҳо марҳилаи муҳимми фаъолияти илмӣ, балки мактаби муносибати масъулона ба таҳқиқи адабиёт буд. Аз устод Шакурӣ омӯхтам, ки таҳлили асари бадеӣ бояд бар пояи далел, андешаи мустақил ва дарки амиқи хусусиятҳои эҷодии адиб сурат гирад. Муҳаққиқ набояд танҳо мазмуни асарро бозгӯ кунад, балки бояд арзиши бадеӣ, ҷойгоҳи таърихӣ ва хусусиятҳои ҳунарии онро ошкор созад.

Дар идомаи ин корҳо соли 2007 монографияи инҷониб «Драматургияи Сотим Улуғзода» ба нашр расид. Дар он кӯшиш намудам, ки хусусиятҳои асосии драматургияи нависанда, низоми образҳо, низоъҳои драмавӣ ва масъалаҳои ғоявию бадеии асарҳои ӯро мавриди таҳлил қарор диҳам. Ин китоб, аз ҷумла, натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмиест, ки дар ташаккули онҳо маслиҳат ва андешаҳои устод Шакурӣ нақши муҳим доштанд.

Имрӯз, дар остонаи садсолагии академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухоро, бознигарӣ ба мероси илмии ӯ аҳаммияти хос пайдо мекунад. Мактаби таҳқиқотии ин донишманди бузурги моро ба омӯзиши амиқ, хулосабарории асосноки ва муносибати эҳтиётқорона ба арзишҳои адабӣ ҳидоят менамояд. Мероси ӯ танҳо маҷмӯи осори илмӣ нест, балки намунаи фарҳанги баланди таҳқиқ, масъулияти маънавӣ ва садоқат ба илму адабиёт мебошад.

Саҳми Муҳаммадҷон Шакурӣ дар омӯзиши эҷодиёти Сотим Улуғзода, аз ҷумла драматургияи ӯ, дар ташаккули фаҳмиши илмии мероси ин адиби барҷаста аҳаммияти муҳим дорад. Барои ман низ роҳнамоӣ ва маслиҳатҳои устод дар интихоби мавзӯъ, ташаккули равиши таҳқиқ ва анҷоми рисолаи илмӣ таҷрибаи фаромӯшнашаванда мебошанд. Ёди неки устод ва осори гаронбаҳои илмии ӯ ҳамеша дар хотираи шогирдон ва аҳли илму адаби тоҷик зинда хоҳанд монд.

Алӣ ЧОРИЕВ,
номзади илмҳои филология, коргардон ва продюссери синамо.
Вилояти БУХОРО.

Рӯйдоди фарҳангӣ

МАҲФИЛИ «ХИРАДМАНД» БО ҲОФИЗ

Бо гузашти ҳафтсад сол аз замони зиндагии Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ, шуълаи ишқу алоқаи дӯстдорони шеъру адаб ва фалсафаву ирфон ба ин шоир ва осори беназираш коҳиш наёфтааст. Ин манбаи гарриву самимият, латофату зебоӣ, алфози риндонаву исёнгар ва вожаҳову мисраъҳои оҳангдору мусиқӣ, чун ашъори умедбахшу тасаллидиҳанда барои башарият ҳамеша судманду дилкаш боқӣ мемонад.

Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ на танҳо дар адабиёти форсу тоҷик, балки дар тамоми ҷаҳони ислом ба унвони бузургтарин шоири ғазалсаро, ориф ва инсони ринду озодандеш шинохта шудааст. Ӯ бо лақабҳои «Лисонулғайб», «Лисонулорифин», «Булбули Шероз» ва «Султонушшуаро» машҳур аст. Барои дарки каломи ӯ инсон бояд хирадманд ва аҳли дил бошад:

Зи шеъри дилкаши Ҳофиз касе бувад огоҳ,
Ки лутфи табъу сухан гуфтани дарӣ донад.

Бисёр нобиғагони ҷаҳон шефтаву ошиқи ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз шуда, дар баробари забони ноб ва маъниҳои латифу бикри ӯ сари таъзим фуруд овардаанд. Чунончи, файласуфи номдори немис Фридрих Нитсше (1844–1900) дар ҳошияи девони ашъори худ шеъреро бо номи «Ба Ҳофиз. Саволи як рӯзадор (парҳезгор)» иншо кардааст. Ӯ дар бораи Ҳофиз шоирона менигорад: «Мае, ки ту месозӣ, сармасткунандаи хирадмандони ҷаҳон аст ва ту худ соқие ҳастӣ, ки ҷаҳониёнро аз бодаи ҳикмату ишқ шодод мекунӣ. Тӯфоне, ки шеъри ту дорад, на пайи харобӣ, балки баҳри зинда кардани рӯҳҳо бахостааст».

Шоири бузурги немис Ёҳан Волфганг фон Гёте пас аз шиносоӣ бо ашъори Ҳофиз чунон ба вачд меояд, ки дар пайравӣ ба ӯ маҷмуаи машҳури худ – «Девони ғарбию шарқӣ»-ро меофарад. Ӯ дар ситоиши ин шоири бузург хитоб мекунад: «Эй Ҳофиз! Шеъри ту ҳамчун сохти ҷаҳон аст, ки оғозу анҷом надорад. Ту он сарчашмаи хурсандӣ ҳастӣ, ки аз он мавҷ болои мавҷ меояд ва ҳеҷ гоҳ хушк намешавад».

Соли равон дар кишварҳои форсизабон, аз ҷумла дар мамлакати мо, ба хотири бузургдошти Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ барномаҳои зиёди адабиву фарҳангӣ баргузор шуданд. Дар ин шумор, 31 октябр аз ҷониби маҳфили андешаварзиву зеҳнии «Хирадманд» ва Маркази милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Чиззах мусобиқаи зеҳнӣ ва хониши ифоданоки хонандагони даҳ мактаби кӯҳпояи Нурато, ки ба шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои Нурато ва Фориш тааллуқ доранд, таҳти унвони «700 сол бо Ҳофиз» доир гардид. Ин дафъа хонандагон, омӯзгорон, роҳбарони мактабҳо ва меҳмонони маҳфил дар мактаби рақами 21-уми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ гирди ҳам омаданд.

Пас аз шиносоӣ бо синфхонаҳо, китобхона ва ҷараёни таълим, дар боғи назди мактаб озмуни зеҳнии «Хирадманд» дар байни ду даста – «Маърифати Нур» ва «Нури Фориш», ки аз ҳисоби хонандагони даҳ мактаб ташкил шуда буданд, баргузор гардид. Қисми аввал аз пурсишу посухҳо перомуни ғазалиёт, ҳаёт ва шуҳрати ҷаҳонии Хоҷа Ҳофиз иборат буд. Бурро хондани саволҳо ва равону пухта баён кардани посухҳо аз ҷониби хонандагон гувоҳи он буд, ки аъзои ҳар ду даста дар давоми шаш моҳ ба мавзуи пешниҳодшуда омодагии хуб дидаанд. Дар ин озмун дастаи «Нури Фориш» (дар сурат) бар дастаи «Маърифати Нур» (мутаносибан бо касби 66 ва 60 хол) пирӯз гардид. Ба дониши хонандагон се нафар довари босалоҳият – шоир ва рӯзноманигори шинохта Пайғом (Тӯхтамиш Боқиев), шоир ва устоди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Чирчиқ Ҳикмат Султонзода ва омӯзгори пешқадами мактаби рақами 49-ум Ярашбой Тағоев холисона баҳо доданд.



Дар қисмати дуюми озмуни зеҳнии «Хирадманд», ки хониши ифоданоки ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз ва матнҳо дар бораи ҳаёт, шуҳрат ва мақоми Ҳофизи Шерозиро дар бар мегирифт, дастаи мунтахаби ноҳияи Нурато дастболо шуд. Дар ин бахш аз рӯйи номинатсияи «Шеърхони беҳтарин» хонандагон Ганҷина Ҳасанова (мактаби рақами 49), Бунафша Қӯрғонова (мактаби рақами 43) ва Дилрабо Саломатуллоева (мактаби рақами 38) ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ишғол карданд. Аз рӯйи номинатсияи «Суханрони беҳтарин» хонандагон Сабина Сатторова (мактаби рақами 49) ва Лобар Ҳасанова (мактаби рақами 32) ба ҷойҳои якуму дуюм ва ду хонандаи дигар – Моҳина Иброҳимова (мактаби рақами 43) ва Ганҷина Саломатуллоева (мактаби рақами 38) ба ҷойи сеюм сазовор гардиданд. Қобили зикр аст, ки хониши ифоданоки хонандагонро, ки навори қироати онҳо пештар дастрас шуда буд, шоир ва нависанда Муҳаммад Шодӣ, Корманди шоистаи фарҳанги Тоҷикистон, ровии шинохта Фарзон Муҳаммадӣ ва нависанда Шариф Халил арзёбӣ намудаанд.

Дар рангину ҷаззоб гузаштани барномаи навбатии маҳфили «Хирадманд» саҳми адиб Юнуси Имомназар, раиси Маркази милливу фарҳангии тоҷикони вилояти Чиззах Абдукарим Шарифов ва омӯзгору овозхони шинохтаи кӯҳистони Нурато Дилмурод Қӯзиев бениҳоят назаррас аст. Аз ҷумла Юнуси Имомназар маҳз барои ҳамин барномаи маҳфил 50 нусха китоби тозанашри чопи Тоҷикистонро дар робита ба ашъори Ҳофиз («Шохи наботи Ҳофиз», «Сесад ғазал», «Насиҳат гӯш кун, ҷоно») ба ғолибон ҳадя кард. Азбаски манбаи омӯзишии хонандагон асосан китоби адабиётшиноси эронӣ Муҳаммадризо Барзгар Холиқӣ бо номи «Шохи наботи Ҳофиз» буд, адиб сари вақт ин китобро ба ҳар як мактаби кӯҳпоя дастрас намуд.

Ҳангоми баргузории озмун боз як рӯйдоди фараҳбахш ба вуқуъ пайваст. Адиб Юнуси Имомназар китоби нави худ – сафарномаи «Аз Бурҷи Дубай то Оромгоҳи Рӯдакӣ»-ро, ки ҳамин рӯзҳо дар нашриёти «Муҳаррир»-и Тошканд ба чоп расидааст, ба таври фишурда рӯнамоӣ кард. Сипас, ба ҳар иштирокдори маҳфил ва мактабҳои тоҷикии кӯҳпоя ин китобро туҳфа кард.

Дар ҷараёни ин чорабинии адабиву фарҳангӣ хонандагони мактаби рақами 21-ум дар деҳаи Соб рақсҳои ҷолиб ва шеърхонӣ намуданд. Ҳунарманд Дилмурод Қӯзиев чанд ғазали Хоҷа Ҳофизро дар пардаи оҳангҳои суннатӣ ба самъи ҳозирин расонд.

Нишасти навбатии маҳфили «Хирадманд» бори дигар собит намуд, ки ном ва ғазалҳои ноби Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ зиндаву ҷовид ҳастанд. Имрӯз ҳам мухлисону пайравонаш бо камоли майл ва муҳаббати бепоён шеърҳои ӯро мехонанд ва таҳти оҳангҳо бар ин ашъор мерақсанду меболанд. Мо дар симою навои хонандагони боистеъдоди мактабҳои кӯҳпоя, ки ба ноҳияи Фориши вилояти Чиззах ва ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ тааллуқ доранд, ин ҳақиқатро равшану возеҳ мушоҳида кардем:

Ба шеъри Ҳофизи Шероз мерақсанду менозанд,
Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ!

Холбикаи НУРНАЗАР,
омӯзгори мактаби рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

Китобиёт

АРМУҒОНИ АДИБ БА ДӮСТДОРОНИ НАСР

Китоб манбаи дониш аст, ба инсон илм, ҳунар, таълиму тарбия, ҳаёту зиндагӣ, кору фаъолиятро меомӯзад – онро беҳуда «фурӯғи субҳи доной» нагуфтаанд. Китоб дӯст, ҳамроҳ, ҳамсуҳбат, ҳамсафари маънавии ҳар китобхон буда, ӯро аз роҳи бад, ғаму андӯҳ, бекориву беҳудагӣ дур сохтанаш мумкин.



Хушбахтона, солҳои охир растаи ҷевони китоби мо бо китобҳои тозанашр ғанитар мегардад. Ба қарибӣ китобе бо номи «Раҳгузар» дар нашриёти «Fan ziyosi»-и шаҳри Тошканд ба теъдоди 200 нусха рӯйи чопро дид, ки муаллифи он Эътибор Ҳайдарова мебошад. Ӯ, омӯзгори эҷодкор, ҳам дар наср ва ҳам дар назм қалам месанҷад ва навиштаҳояш дар матбуоти даврии Ӯзбекистону Тоҷикистон интишор ёфтаву мавриди таваҷҷуҳи муштариён қарор мегиранд.

Ҳикояҳои Эътибор Ҳайдарова, ки дар маҷмӯаи «Раҳгузар» гирд омадаанд, ҳаётӣ, яъне бардоштҳое аз зиндагии воқеӣ мебошанд.

Дар навиштаҳои муаллиф самимияти гуфтор, хушбаёниву тасвиркорӣ эҳсос мегардад, ки ин муштариёнро бефарқ намегузорад. Муҳтавои китоб хонандаро ба омӯхтани илму дониш, хислатҳои неки инсонӣ, шукргузорӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтиром ба падару модар, саҳмгузорӣ ба рушду равнақи ҷамъияту Ватан ва ба инсофу диёнат даъват менамояд. Ин гуна омилҳо дар тарбияи ҷавонон ва ба роҳи рост ҳидоят кардани онҳо дастурамали зиндагианд.

Ба ҷавли муаллифи сарсухани китоб нависанда Бахтиёри Ҷумъа «Муаллиф воқеаҳои зиндагиро бидуни печидагӣ ба қалам дода, кӯшидааст, ки ҳар ҳикоя ба хонанда наздик ва ошно бошад. Ҳикояҳо бо забони содда ва равон навишта шудаанд. Муаллиф мекӯшад, ки ҳақиқати зиндагиро бидуни зебу зинати зиёдатӣ нишон диҳад. Аз онҳо хонанда метавонад худ ва муҳити атрофашро бубинад, андеша кунад ва бо қаҳрамони ҳикояҳо ҳамдард шавад».

Умед аст, ки аввалин маҷмӯаи насрии Эътибор Ҳайдарова, ки «нони нав аз танӯри нав» мебошад, эҳтиёҷи маънавии китобхонҳои рӯзро қонеъ мегардонад.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.
Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 2033. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
9 772010 775001

Муҳаррири навбатдор:
Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 03.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.